**Протоколи №13-и**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-117
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 4-уми июни соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои
шуро 13 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Набизода Азиза Абдунабӣ** дар мавзуи **«Таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ **Каримзода Шуҳрат Бозор**) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи **Набизода Азиза Абдунабӣ** ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Соҳибназарзода Ҳавасмоҳ Тилло маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи **Набизода Азиза Абдунабӣ** ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Набизода Азиза Абдунабӣ** дар мавзуи **«Таҳлили сохториву маънoии истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Матробиён Саодатшо Қосимзода** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ.

– **Ҷамшедов Парвонахон Ҷамшедович** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

– **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.